**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 26/2с

аз «28» 01 соли 2025

Агентии хариди давлатии мол, кор
ва хизматрасонии назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ оид ба хариди мол ва хизматрасониҳои ғайримашваратӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Агентӣ риоя гардидааст;

2) дар банди 5 зербоби 3 боби 1, зербоби 4 боби 1, зербоби 2 боби 2, зербоби 3 боби 2 замимаи 2 ва дар зербоби 6 замимаи 5 ухдадорӣ барои иштирокдорони озмун оид ба меъёрҳои иҷозатдиҳӣ барои иштирок дар озмун, талаботи тахассусӣ, тайёр намудани пешниҳоди озмунӣ, нархи пешниҳоди озмунӣ, ухдадорӣ нисбати таҳвилгарон ва ғ. пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои иштирокдорони озмун пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, барои содагардонии таҳияи ҳуҷҷатҳои озмунӣ, баланд бардоштани сатҳи шаффофият расмиёти хариди давлатии мол мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор — Саидзода И.Ҳ.